**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Раҳимзода Фирӯза Маҳмад дар мавзуи «Манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулки ҳамсарон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Рисолаи илмии таҳқиқотии Раҳимзода Фирӯза Маҳмад дар мавзуи: «Манфиатҳои оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон», мазмуни таҳқиқот ва хулосаҳои дар доираи таҳқиқот манзуршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия**. Мавзуи тақризшаванда ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, ки дар он паҳлуҳои илмӣ-назариявӣ, санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ва амалии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Бо вуҷуди рӯи нашр омадани баъзе аз коркардҳои илмӣ аз ҷониби донишмандону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар ин самт, вале паҳлуҳои гуногуни он, бахусус баррасии манфиатҳои оила ҳамчун унсури мустақили ҳифзи ҳуқуқӣ то ҳол аз нигоҳи

пажуҳишҳои илмии ҳуқуқи оилаи тоҷик моҳиятан ба таври кофӣ ҳал нагардидааст. Зеро ислоҳоти ҳуқуқие, ки дар шароити рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва проблемаҳое, ки оид ба амалигардонии манфиатҳои оилавӣ дар ҷодаи муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон, моликияти якҷоя ва алоҳидаи онҳо, ҳангоми ҷудонамоӣ ва тақсими моликият ва молу мулки онҳо, инчунин ҳифзи манфиати оилавӣ дар муносибатҳои қарзӣ ва ҳуқуқи уҳдадории ҳамсарон бавуҷуд меояд, мубрамияти махсус пайдо менамоянд. Оила на танҳо дорои манфиати умумӣ, балки аз манфиатҳои алоҳидаи аъзои он иборат мебошад. Манфиатҳои мазкур сифатан ва мазмунан метавонанд аз ҳамдигар фарқ намоянд. Ин дар навбати худ таъминои далхдори ҳуқуқӣ ва инчунин ба тарзи нав дарк кардани проблемаҳои назариявии ҳуқуқи оилавӣ дар масъалаи ҳифзи манфиатҳои муштараки оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд. Аз ин ҷо омӯхтани механизми таъмини ҳуқуқии манфиатҳои молумулкии ҳамсарон, имконият медиҳад, ки восита ва тарзҳои самараноки ҳифзи манфиатҳои умумиоилавӣ дар қонунгузорӣ муайян ва амалӣ карда шаванд.

Бояд иброз намуд, ки масълаи оила ва ҳифзи он зери таваҷҷуҳи пайвастаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Аз ҷумла, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз 2014 соли зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намаданд, ки «Оила ҳамчун падидаи иҷтимоиву ҳуқуқӣ маҳаки асосии ҷамъиятро ташкил дода, дар сатҳи Конститутсияи кишвар барои ҳифзи он ва таҳти ғамхории махсуси давлат фаро гирифтани модару кӯдак аз ҷониби Ҳукумати кишвар ҳамаи чораҳои зарурӣ андешида мешаванд». Аз ин нуқтаи назар масъалаи манфиати оилавии ҳимояшаванда на танҳо манфиати хусусии аъзои алоҳидаи оила, балки манфиати умумӣ низ мебошад. Аз ҳифзи онҳо рушди устувори оила, давлат ва ҷамъият вобастагии зич дорад. Барои ҳамин ҳам мавҷудияти манфиати

умумиоилавиро бояд ба назар гирифта, амалишавӣ ва ҳимояи онро дар сатҳи принсипҳои ҳуқуқ таъмин намудан лозим аст.

Бо дарназардошти ҳолатҳои зикршуда метавон иброз намуд, ки омӯзиш ва пажӯҳиши масъалаҳои назария ва амалияи проблемаҳои манфиатҳои оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон мубрам маҳсуб мегардад.

Аз ин рӯ, мавзӯи таҳқиқшаванда дарвоқеъ дорои аҳамияти баланди илмии назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ диссертатсияи пурра ва муназзамеро омада намудааст, ки аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқот, руйхати адабиёти истифодашаванда ва феҳристи корҳои нашршуда иборат аст. Сохтори таҳқиқот пайдарпайи мантиқиро дар бар гирифта, мавзӯъро бо истифода аз равиши умумӣ ва хусусӣ таҳлил мекунад. Муаллиф дар ҳар як боби рисола ба масъалаҳои ҷудогонаи танзими манфиатҳои оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, робитаи байни падидаҳои илмии муосири онро бо хулосаҳои муҳимми назариявию амалӣ асоснок менамояд.

**Дараҷаи навоварие, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омада ва барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Дар натиҷаи тадқиқоти анҷомдода, муаллиф 8 навгониро ҳамчун дастоварди илмии худ барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Ҳарчанд дар матни диссертатсия ҳамзамон якчанд чанбаҳои навоварона ба мушоҳода мерасанд, ки ҳамчун навгонии мустақил номбар нашудаанд, аммо бозгӯи сатҳи баланди тахассусӣ ва қобилияти таҳлили амиқи тадқиқотӣ мебошанд. Навовариҳои пешниҳодгардидаи муаллиф аслан бори нахуст ба доираи илми ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шуда, дар ин замина арзиши баланди илмӣ доранд.

Дар натиҷаи омӯзишу таҳлили ҳаматарафа ва воқеъбинонаи нуқтаи назари гуногуни олимон, амалия таклифҳоро оид ба такмили қонунгузории

оилавӣ ва мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон диссертант пешниҳод таҳия намуд.

Яке аз ҷанбаҳои муҳим дар таҳқиқоти мазкур, пешниҳодҳо ва таҳлили мафҳуми нав аз ҷониби муаллиф мебошанд, аз ҷумла:

1.Дар навгонии аввал, муаллиф мафҳуми "оила" ва "ҳайати аъзои он"-ро дар асоси таҳлили илмӣ ва қонунгузорӣ мавриди таҳлил қарор дода, мафҳуми нави оила ва ба таври мушаххас муайян намудани аъзои оиларо дар қонунгузории оилавӣ пешниҳод намудааст, ки он асоснок ва мувофиқи мақсад мебошад.(Дисс., с.11, 12)

2. Дар мавриди манфиатҳои молумулкии ҳамсарон вобаста ба таалуқият муаллиф онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намуда, қайд менамояд, ки оила сарфи назар аз надоштани мақоми субъекти мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии кишвар аҳамияти худро ҳамчун барандаи манфиати умумӣ нигоҳ медорад ва ин тафовут хусусияти дугонат оиларо нишон медиҳад.

3. Дар навгонии дуюм, дар шароити ҳозира бо назардошти рушди муноисбатҳои хусусӣ дар фазои маҷозӣ, муаллиф дар Кодекси мадании ҶТ ва Кодекси оилаи ҶТ ба таври мушаххас муқаррар намудани баъзе объектҳои молу мулкии ҳамсарон аз қабили пули рақамӣ (пули электронӣ), ҳуқуқҳои молумулкӣ, аз ҷумла сервер (домен, IP-суроға, интернет, сомона, сайт) пешниҳод намудааст, ки он бисёр масъалаҳои марбут ба номуайяни тақсими молу мулки якҷояи ҳамсаронро дар доираи оила ва аъзои он танзим менамояд, ки қобили дастгирӣ мебошад.

4. Навгонии чорум, ба таҳлили реҷаи ҳуқуқии ҳамсарон бахшида шудааст(Дисс., С.13). Муаллиф пешниҳод менамояд, ки реҷаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон ҳамчун маҷмуи воситаҳои ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки меъёрҳои иҷозатдиҳӣ, манъкунӣ ва уҳдадориҳои мусбатро дар бар гирифта, ин имконияти истифодаи молу мулкро тибқи Қонун ва (ё) шартнома вобаста ба манфиати умумиоилавӣ ва (ё) манфиати алоҳидаи ҳар яке аз ҳамсарон ба танзим медарорад.

5. Дар навгонии панҷум муаллиф ба масъалаи қарзи умумии ҳамсарон новобаста аз оне, ки кадоме аз ҳамсарон қарздор мебошад таваҷҷуҳ намуда, қарзро ба ҳайси объекти мустақили моликияти якҷоя дар қисми 2 моддаи 34 қонунгузории оила пешниҳод намудааст.

6. Навгонии панҷум ба тақсими пардохтҳо вобаста ба саҳм ва ҳисса дар сармояи муассисаи кредитӣ ё ташкилотҳои дигари тиҷоратӣ ба номи яке аз онҳо гузошта шуда бошад, дар ин асно муаллиф зарурати тариқи мушаххас муқаррар намудаи ҳисса(саҳм)-ро дар сармояи оиномавии ширкат ва ҷамъият ҳамчун моликияти якҷояи ҳамсарон пешниҳод кардааст.

7. Дар навгонии ҳафтум масъалаи ҳисса(саҳм) дар ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ ба ҳайси моликияти якҷояи умумии ҳамсарон мавриди таҳлил ҳамаҷониба ва амиқ қарор гирифтааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки ҳангоми таъсис додани ташкилоти тиҷоратии хусусӣ (ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ) объекти моликияти якҷояи умумии ҳамсарон, ки ҳамчун ҳисса (саҳм) ба сармояи оинномавӣ ворид карда мешавад, ба объекти ҳуқуқи моликиятии ташкилотҳои зикршуда табдил ёфта, ба ҳуқуқҳои уҳдадорӣ барои ҳамсаре табдил меёбад, ки иштирокчии онҳо мебошад.Бинобар агар ин ҳисса(саҳм) дар сармояи ташкилотҳои фавқуззикр ба яке аз ҳамсарон, на ҳамчун ҳиссаи соҳибмулк, балки ҳамчун ҳиссаи муассиса таалуқ дошта бошад, ҳамсари муассис дорои ҳуқуқ ба қисми фоида аз фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Вале ҳамсаре, ки иштирокчӣ маҳсуб намеёбад, танҳо ҳуқуқи талаб кардани қисми даромад(фоида)-ро аз истифодаи моликияти умумии якҷояи онҳо дорад.

8. Дар мавриди навгонии ҳаштум муаллиф байни мафҳумҳои “моликияти умумии якҷояи ҳамсарон” ва “ молу мулки умумии ҳамсарон” фарқият гузошта, бо чунин назардошт, ба қисми 2 моддаи 34 Кодекси оилаи ҶТ дар хусуси иваз карда шудани калимаҳои “молу мулки умумии якҷояи ҳамсарон” ба калимаҳои “молу мулки ҳамсарон” пешниҳод менамояд.

Ҳамин тариқ, бештари навгониҳои илмӣ ва амалии пешниҳодшуда бори аввал ба илми ҳуқуқшиносии тоҷик ворид гардида, дорои заминаи

назариявӣ, асоснокии методологӣ ва истифодаи амалӣ мебошанд. Онҳо арзиши назариявӣ ва амалӣ дошта ин навовариҳо имконият медиҳад, ки дар заминаи рушди иҷтимои-иқтисодии кишвар мафҳум ва мазмуни пешниҳодҳои назариявӣ аз дидгоҳи нав мавриди арзёбии илмӣ қарор дода шуда, таклифҳои дар кор буда барои ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории ҶТ ҷиҳати мукаммал гардонидани танзими ҳуқуқии манфиатҳои оила дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон мусоидат мекунанд.

Таълифоти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия дар нашрияҳои илмӣ. Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 11 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар феҳристи маҷаллаҳои илми тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Ҳаҷми диссертатсия Раҳимзода Ф.М. ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Сохтори диссертатсия Раҳимзода Фирӯза Маҳмад вобаста ба мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда ба талаботи илмӣ мувофиқ буда, мантиқан аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст. Асоснокии пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодашуда, инчунин бо таҳлили истниод ва эродҳои сарчашмаҳои истифодашуда оид ба рушди қонунгузории оилавӣ ва маданӣ

тасдиқи худро ёфтааст. Рӯйхати адабиёт аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошанд, ки онҳо барои омузиши муфассали ҳолати кор дар мавзуи таҳқиқшаванда имконият додаанд.

Боби якуми диссертатсия – «Манфиатҳои оилавӣ ва танзими ҳуқуқии он » ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби якуми боби якум – « Оила ҳамчун институти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ » номгузорӣ карда шудаст. Вобаста ба омӯзиши паҳлуҳои гуногуни диссертатсия, муаллиф дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши махазҳои таърихӣ, заминаҳои асосии ташаккул ва инкишофи оилаи тоҷикон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ вобаста ба марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, аз оилаи ҳуқуқии давраи тоисломӣ(зардуштӣ) то шакли муосири он-оилаи ҳуқуқии миллии тоҷикон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст. Ҳамчунин зикр мешавад, ки дар бештари мавридҳо ҷашну маросимҳо дар доираи оила гузаронида шуда, дар росто муайян кардани мафҳуми оила ва ҳайати оила дар мавриди татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба масъала вобастагӣ дорад. Дар ин асно, дар асоси таҳлили маъхазҳои илмӣ ва қонунгузорӣ муаллиф мафҳуми оила ва ба таври мушаххас муайян намудани аъзои онро асоснок менамояд, ки дар хулосаи № 1 рисола, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Зербоби дуюми боби якум – «Мафҳум ва моҳияти манифати ҳуқуқи оилавӣ» ном дошта дар он муаллиф дар асоси санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, адабиётҳо кагорияи “манфият”-ро баррасӣ намуда, дар ҳошияи мафиатҳои умумии оила хусусияти дугона доштани оиларо кушода равшан нишон додааст.

Боби дуюми диссертаатсия – «Таъсири манфиати оилавӣ ба ташаккулёбии реҷаҳои ҳуқуқии молумулки ҳамсарон» ном дошта, ки боби мазкур аз чор зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби дуюм ба – « Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон» бахшида шудааст. Дар таҳқиқоти зербоби мазкур таъкид шудааст, масоили реҷаи ҳуқуқӣ, агарчанде дар баъзе соҳаҳои ҳуқуқӣ мавриди таваҷҷуҳ гардида бошад ҳам, вале дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ, то ҳол ба ин масъала

диққати махсус дода нашудааст. Вобаста ба ин муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар замони ҷаҳонишавӣ ва рушди технология масъалаи объектҳои ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла ҳуқуқи оилавӣ бо дарназардошти рушди муносибатҳои хусусӣ дар фазои маҷозӣ хело мубрам мебошад. Ҳоло ба ҳайси ин объектҳо метавонанд, ҳуқуқи рақамӣ, пули рақамӣ (пули электронӣ), ҳуқуқҳои молумулкӣ, аз ҷумла сервер (домен, IP-суроға ва интернет сайт) ва ғайра ҳамчун объекти молу мулки якҷояи ҳамсарон бошанд. Вобаста ба ин муаллиф ба таври мушаххас нишон додани онҳоро дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мешуморад, ки қабули онҳо ба андешаи ӯ метавонад, бисёр масъалаҳои номуайяни тақсими молу мулки якҷояи ҳамсарон, аз ҷумла истифодаи онҳоро дар доираи оила ва аъзои он ба танзим дарорад.

Зербоби дуюми боби дуюм – « Манфиатҳои оилавӣ ҳангоми амалигардонии ҳуқуқи моликияти умумии ҳамсарон» номгузорӣ шудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки хусусияти асосӣ ва муҳимми муносибатҳои оилавӣ-ҳуқуқӣ дар раванди бастани шартномаҳои гуногуни маданӣ-ҳуқуқӣ дар он ифода меёбад, ки онҳо дар шакли эътимоди мутақобилаи байни зану шавҳар амалӣ карда мешаванд. Ҳангоми аз ҷониби зан ё шавҳар анҷом додани муомилоти вобаста ба ихтиёрдории молу мулки умумӣ чунин тасаввур мешавад, ки бо розигии ҳамсари худ амал мекунад (қ.2. м.35 КО ҶТ). Дар баробари ҳамин қ. 2 моддаи мазкур имконият медиҳад, ки ҳангоми набудани розигии ҳамсари дигар аҳди бастаи яке аз ҳамсарон оид ба ихтиёрдории молу мулки умумӣ беэътибор дониста шавад. Аз ин рӯ, муаллиф дар доираи қонунгузории оилавӣ ба ҳамсарон ҳуқуқи бо хоҳиши худ бастани аҳдҳо дар доираи маблағи туҳфаҳои муқарраранӣ тибқи талаботи м. 607 КМ ҶТ пешниҳод менамояд.

Зербоби сеюми боби дуюм ба масъалаи – « Манфиатҳои оилавӣ ҳангоми ҷудонамоии моликияти якҷоя ва моликияти шахсии ҳар кадоме аз ҳамсарон» бахшида шудааст.

Муаллиф дар таҳқиқот қайд менамояд, ки ба моликияти умумӣ

даромади ҳар як ҳамсарро аз фаъолияти меҳнатӣ, соҳибкорӣ, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, инчунин ашёҳои манқул ва ғайриманқули аз ҳисоби даромади умумӣ ба дастовардашуда, коғазҳои қимматнок, саҳмҳо ва ҳиссаҳо, ки ба ташкилотҳои қарзӣ ё ба дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ гузошта шудааст, ворид намудан мумкин аст. Дар ин бобат, муқаррароти м. 34-35 КО ҶТ реҷаи моликияти якҷояи ҳамсаронро ба танзим даровarda, ба ташкилоти (корхонаи) хусусии инфиродии онҳо паҳн намегардад. Бинобар ин, агар ташкилоти хусусӣ дар давраи ақди никоҳи ҳамсарон бо истифода аз моликияти умумии ҳамсарон таъсис дода шуда бошад, ҳамсари даъвогар нисбат ба даромади аз фаъолияти ташкилоти мазкур бадастомада ҳуқуқи моликияти баробари якҷояро дошта, на ҳуқуқи умумии моликиятро ба молу мулки он дорад.

Ҳамзамон муаллиф ҳангоми таҳлили м. 36 КО ҶТ ба хулосае меорад, ки асоси пайдо шудани моликияти алоҳидаи ҳамсарон маҳз аҳди ройгон мебошад. Вале м.36 КО ҶТ ба шумораи асосҳои бавуҷудоии моликияти шахсии санади маъмуриро, ки тибқи он ҳуқуқи моликият нисбати объекти хусусигардонида шуда ба вуҷуд меояд, номбар намекунад. Чунин ҳолат боиси монеа барои моликияти шахсии ҳамсар эътироф намудани хонаи хусусигардонида шуда метавонад. Аз ин ҷо, муаллиф зикр менамояд, ки яке аз асосҳои ба даст овардани молу мулки ҳамсарон ба ғайр аз аҳдҳои бастаи онҳо, метавонад ройгон ба даст овардани молу мулк бошад. Вале он дар м.36 КО ҶТ ифодаи худро наёфтааст. Бинобар ин, ки муқаррар кардани асоси мазкур дар моддаи зикршудаи Кодекси оилаи ҶТ мувофиқи мақсад мешуморад ( С. 90).

Зербоби чаҳоруми боби дуюм "Ҳифзи манфиати оилавӣ ҳангоми тақсими молу мулки ҳамсарон" номида шудааст, ки дар он муаллиф тақсими молу мулки ҳамсарон ба тарзи амалинамоӣ, аввали бо созиши ҳамсарон ва баъдан бо тарзи судӣ ҷудо намуда, шартҳои тақсими молу мулкро дар асоси тафовути байни шартномаи никоҳ ва созишномаи тақсими молу мулк муайян менамояд.

Боби сеюми диссератсия «Проблемаҳои таъмини ҳуқуқии манфиатҳои оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи уҳдадории ҳамсарон” ном дошта, дарбаргирандаи ду зербоб мебошад.

Дар зербоби якуми боби сеюм муаллиф масъалаҳо танзими иҷрои уҳдадориҳои қарзии ҳамсаронро тибқи қонунгузории маданӣ ва оилавӣ мавриди таҳлил ва мулоҳизаронӣ қарор додааст. Дар ин асно, дар таҳқиқот қарзҳои ҳамсаронро ба қарзҳои шахсии ҳар яке аз ҳамсарон ва умумии онҳо ҷудо намуда, муаллиф қайд менамояд, ки дар Кодекси оилаи ҶТ бояд меъёри махсус дар мавриди танзими низоми ҳуқуқии уҳдадориҳои қарзии зану шавҳарро, ки на ҳамеша дар натиҷаи ба даст овардани молу мулк, балки давр давраи никоҳ ба вуҷуд меоянд, пешниҳод менамояд.

Дар зербоби дуюми боби сеюм – « Таъсири амалигардонии ҳуқуқҳои кредитории ҳамсарон ба манфиатҳои оила» номида шудааст, ки дар он муаллиф муносибатҳои ҳуқуқии ӯҳдадорӣ бо иштироки ҳамсари кредиторро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар ин ҷо муаллиф дуруст қайд менамояд, ки номуайянӣ ва омехташавии мафҳумҳои “молу мулки якҷояи ҳамсарон” ва “молу мулки ҳамсарон” дар қонунгузории оилавӣ ва маданӣ ҷой дошта, аз ин ҷо таклифҳои асоснокро бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузорӣ пешниҳод менамояд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати рисола дар он баъзе масъалаҳои аз нигоҳи баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, ки онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1.Дар нуктаи ба ҳимоя пешниҳодшудаи якум унвонҷӯй бар он назар аст, ки мафҳуми оила ва аъзои оила дар Кодекси оила ба таври мушаххас нишон дода нашудааст. Бинобар ин, чуноне унвонҷӯй зарур мешуморад, дар қонунгузории оилавӣ додани мафҳуми оила ва бо таври мушаххас муайян намудани аъзои он мувофиқи мақсад мебошад. Инчунин ба андешаи унвонҷӯй таҳлили Кодекси оилаи ҶТ нишон медиҳад, ки ба ҳайати аъзои оила на танҳо хешовандони наздик -падару модар, ҳамсар, фарзандон, бародару хоҳар, бобою бибӣ ва набераҳо, балки «шахсони наздик», фарзандхондшудагон ва кӯдакони зери васигию

парасторӣ карордошта низ дохил мешаванд. Унвонҷӯй дар ин нукта бояд аз мавқеи муаллифӣ дар асоси таҳлили қонунгузории оилавӣ доираи ашхосеро, ки ҳамчун аъзои оила эътироф мешаванд, муайян менамуд. Гузашта аз ин, муаллиф дар ин нукта аз "шахсони наздик" мегӯяд, ки номаълум аст зери ин мафҳум чӣ дар назар дошта мешавад.

2. Дар нуқтаи дуввум унвонҷӯй манфиатҳои оилавиро ба ду гурӯҳ: манфиатҳои худи оила ва манфиатҳои аъзоёни алоҳидаи он ҷудо намудааст ва чунин мешуморад, ки манфиатҳои оилавӣ бояд аз манфиатҳои аъзои он бартарӣ дошта бошанд. Дар сурати мухолифати онҳо, ба андешаи муаллиф, бояд ба ҳамсаре, ки ба манфиати тамоми оила амал мекунад, афзалият дода шавад. Ин ҷо савол пайдо мешавад, ки оё оила танҳо аз ҳамсарон таркиб ёфта метавонад? Албатта не. Пас дар сурати аз дигар шахсон, ки статус ё худ мақоми ҳамсарӣ надоранд, таркиб ёфтани оила ин ихтилоф чӣ гуна ҳал карда шавад? Масалан, оила метавонад танҳо аз бобою бибӣ ва наберагон таркиб ёфта бошад. Ин ҷо ба назар мерасад, ки муаллиф оиларо аз мавқеи предмети таҳлили диссертатсионӣ ба маъное мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки шахсони дорои мақоми ҳамсарӣ дошта ҳамеша дар он вуҷуд доранд. Вале азбаски қонунгузорӣ оила ва манфиатҳои оилавиро танҳо ба ин маъно намефаҳмад ва чун дар рисола манфиатҳои оилавӣ ҳамҷун объекти танзими ҳуқуқӣ баён гардидаанд, пас унвонҷӯй бояд ҳангоми таҳлили мафҳуми оила ва манфиатҳои оилавӣ аз мавқеи васеътар, бо дарназардошти манфиатҳои дигар аъзои оила низ ин масоилро баррасӣ менамуд.

3. Дар ҷомеа иттилоотӣ ва дар раванди рақамигардонии ҷомеа, ки ҳоло Тоҷикистон дар он қарор дорад, моҳияти аслии ҳуқуқҳои шахс дар робита бо ташаккули ҳуқуқи рақамӣ, рақамигардонии соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа, боиси тағйир ёфтан вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ гаштааст. Бинобар ин муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар саҳ. 113 баён менамояд, ки дар шароити ҳозира масъалаи объектҳои ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла ҳуқуқи оилавӣ бо дарназардошти рушди муносибатҳои хусусӣ дар фазои маҷозӣ хело мубрам мебошад. Дар ин асно қайд менамояд, ки ба ҳайси ин объектҳо

метавонанд, ҳуқуқи рақамӣ, пули рақамӣ (пули электронӣ), ҳуқуқҳои молумулкӣ, аз ҷумла сервер (домен, IP-суроға ва интернет сайт) ва ғайра ҳамчун объекти молу мулки якҷояи ҳамсарон бошанд. Вобаста ба ин, ба таври мушаххас нишон додани онҳо дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки метавонад бисёрмасъалаҳои номуайяни тақсими молу мулки якҷояи ҳамсарон, аз ҷумла истифодаи онҳоро дар доираи оила ва аъзои он ба танзим дарорад, баҳснок мебошад. Зери молу мулк аслан предмети танзими қонунгузории маданӣ буда, ба андешаи мо муайян ва нишон додани онҳо дар КО ҶТ мувофиқи мақсад намебошад .

Бояд қайд намуд, ки эродҳои зикргардида баҳснок мебошанд ва дар умум ба мазмун ва моҳияти пажӯҳиши илмии Раҳимзода Ф.М. таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулоса дар бораи мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқарраргарида.** Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Раҳимзода Фирӯза Маҳмад дар мавзуи « Манфиатҳои оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳимзода Фирӯза Маҳмад сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03–Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, хусусан банди 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни

соли 2021, тахти №267 қабул шудааст, таҳия ва манзур гардидааст.

Муқарризи расмӣ:
номазади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедари ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қодирқулов Х.Р.

Имзои "Қодирқулов Х.Р."-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва қисми махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.
10.06.2025

Суроға: проспект Рудакӣ, 17, ш. Душанбе, 734025, Республики
Тоҷикистон. телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10; Факс:
(+992-37) 227-15-10 E-mail: mfo@tnu.tj